риш ба рушди устувор гум накардааст. Далел бар ин андеша он аст, ки алҳол самтҳои амалигардонии рушди устувор дар доираи таҳқиқотҳои дасточамъонаи «об- энергия-озуқаворӣ -экология» амалӣ гашта истодаанд. Зикраш ба маврид аст, ки дар шуъбаи генетикаи пахтаи Академии илмҳо қаблан бузургтарин генофонди ин зироати техники бо сарварии академик Пулод Ҷураев ва номзади илмҳои биологӣ Негматов Мирзонабӣ ҷамовари шуда буд. Ҳатто аксар навъҳои ба дастоварда ин зироати техникӣ аз лиҳози ситогенетикӣ мавриди арзёбӣ муҳақиқони ин шуъба қарор мегирифт. Гарчанде дар самти селексияи пахта солҳои соҳибистиқлолӣ таҳаввулотҳои ҷиддӣ ба амал омада бошад ҳам, новобаста аз ин, дар ин самт мушкилотҳо ба назар мерасад. Бо дарназардошти ин андеша, мо ин ҷо тасмим гирифтем, ки рушди соҳаи пахтакориро дар даврони Истиқлоли давлатӣ бо усули таҳлилӣ, муқоисавӣ аз нигоҳи дастовардҳои олимон мавриди омӯзиш қарор дода, ба ин васила муаммо, мушкилот ва дурнамои ин соҳаро барои оянда гон баён намоем.

Дар китоби «Дастовардҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар 30 соли соҳибистиқлоли мамлакат» омадааст, ки дар ин муддат олимон 32 навъи пахтаи миёнанахро офариданд. Дарвоқеъ, пахтакорӣ дар ташаккул додани рушду пешрафти саноати сабук нақши калидӣ мебозад. Гарчанде давоми сӣ соли Истиқлоли давлатӣ ба туфайли талошҳои Ҳукумат ва дастгирии соҳибкорон дар кишварамон як қатор корхонаҳои саноати сабук бунёд гардида бошад ҳам, аммо то ҳол аз тарафи мутахассисони касбӣ ҳисобу китоб карда нашудааст, ки барои ба таври мунтазам фаъолият намудани онҳо чӣ миқдор ашиёи хом лозим аст. Кадом омилҳо сабаби садди коркарди ин ашёи хом дар кишварамон мегарданд. Доир ба ин масъала андешаҳо гуногунанд, аммо то ҳол аз лиҳози иқтисодӣ бо диди илмӣ таҳлили амиқ ба назар намерасад. Ба фикри мо сабаби асоси дар он аст, ки ҳар як навъи офаридаи олимон дар давраи Шӯравӣ бо хусусиятҳои хоси саноатиаш мавриди баҳси муҳандисони ин соҳа қарор мегирифт. Феълан тамоюли чунин масъалагузорӣ аз тарафи муҳандисони ин соҳа ба назар намерасад. Мушобеҳ ба нахи навъҳои "108-Ф", "Қирғиз" ва пахтаи маҳиннах, ки дар аксар корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди истифода қарор мегирифт. Дар баробари ин, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ гарчанде олимону мутахассисони ин соҳа навъҳои зиёде офарида бошанд ҳам, аммо то ҳол нақши навъҳои офаридаи онҳо дар рушди саноати кишварамон ба таври ҷузъӣ мавриди баррасӣ ва арзёбии муҳандисон қарор нагирифтааст. Аз ин нуқтаи назар, номзади илмҳои кишоварзӣ Абдуҷалил Сангинов бар он назар аст, ки ҳоло дар кишварамон "навъҳои беном" аз хориҷ ворид паҳн шуда истодаанд, он ба рушди минбаъдаи ин соҳа дар оянда таъсири манфӣ мерасонад. Инчунин таҷрибаи рӯзгор собит менамояд, ки ҳеҷ гоҳ хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ рушду густаришёбии ин соҳаро таъмин карда наметавонанд, аз ин лиҳоз вақти он расидааст, ки мо киштзорҳои ин зироати техникиро васеъ намоем. Зеро ҳамасола аз тариқи ВАО огоҳ мешавем, ки олимону мутахассисони Академияи илмҳои кишоварзӣ навъҳои нави офаридаи худро барои минтақабоб гардонидан тавсия менамоянд, аммо тадбиқи дастовардҳои онҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ дастгирӣ намеёбад. Деҳқонон ин мушкилотро чунин тавзеҳу ташреҳ медиҳанд: фучерҳо ҳангоми харидани пахта ба баҳонаи паст будани нахи навъҳои маҳаллӣ онҳоро бо нархи арзон мехаранд, мо бошем хароҷоти худро пӯшонида наметавонем. Аз ин ҷиҳат, хоҷагиҳои деҳқонӣ зимни кишти пахта ба парвариши навъҳои хориҷи бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Шояд таъсири ҳамин омил бошад, ки ҳамасола масоҳати кишти навъҳои хориҷӣ дар кишварамон зиёд гашта истодааст. Чаро ин паҳлуи масъала боре ҳам мавриди арзёбӣ корхонаҳои саноатие, ки ба коркарди ашёи хоми ин зироат машғул ҳастанд қарор намегирад? Дар ҳоле, ки имрӯз нархи як кило равғани пахта анқариб бист сомониро

ташкил медиҳад. Дар ҳошия ба ин андеша, мутахасиссони касбӣ бар он назаранд, ки тухми навъҳои хориҷӣ се кам дарсад равған доранд, ин нишондод дар навъҳои маҳалӣ бештар аз 14%-ро ташкил медиҳад. Дар ин замина онҳо иброз менамоянд, ки азбаски истеҳсоли равған дар навъҳои хориҷӣ самараи иқтисодӣ намедиҳад, биноан корхонаҳои коркарди равғани кишварамон барои истеҳсоли ин маҳсулот таваҷҷуҳ зоҳир наменамоянд. Ба ибораи дигар гуем, кишти онҳо боиси садди пешрафти ин самти саноати кишварамон гашта истодааст.

Вобаста ба ин баҳс агар дар ин соҳа муаммоҳои баҳснокро воқеъбинона натиҷагирӣ намоем, маълум мегардад, ки солҳои 80- уми асри гузашта дар назди Донишгоҳи агарии Тоҷикистон пажуҳишгоҳи биотехнология таъсис дода шуда буд. Мантиқан агар таҳлил намоем, вазифаи асосии ин пажуҳишгоҳ бо технологияи муосир истеҳсоли маводҳои биологӣ буд. Боиси таассуф он аст, ки то ҳол ин пажуҳишгоҳ ягон маводи биологиро истеҳсол накардааст. Онҳо ба ҷойи иҷрои вазифаи аслии худ ба пажуҳиши корташкаи бечурм машғул шуданд. Ҳол он, ки чунин раванди пажуҳиши дар институти физиологияи набототи Академияи илмҳо, пажуҳишгоҳи боғпарварии Академияи илмҳои кишоварзӣ ва чандин лабораторияи дигар идома дошт ва дорад. Суоли мубрам ин аст, ки онҳо дар ин самт ба кадом дастоварди илмӣ ноил гаштанд ва тафовути натиҷаҳои ба дастовардаи ин пажуҳишгоҳ аз пажуҳишгоҳҳои зикргардида дар чӣ зоҳир мегардад? Ҳақиқат алҳол ин аст, ки дар давоми си соли истиқлолият аз тарафи олимони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон навъҳои зиёди ваксина ва штами микрорганизмҳо дар соҳаи кишоварзӣ ихтироот шудааст. Доир ба ин мавзӯъ дар китоби дастовардҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар сӣ соли соҳибистиқлолии мамлакат омадааст, ки “аз тарафи олимони институти тибби ветеринарӣ 31 намуди ваксина ва дорухои кимётерепевтӣ ихтироъ гардидааст”. Далели мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки тӯлли солҳои соҳибистиқлолӣ олимон ба дастовардҳои илмӣ ноил гаштаанд, аммо онҳо дар истеҳсолот ҷорӣ нагардиданд. Дар иртибот ба ин андеша, агар ба ҷаҳони муосир назар андозем, маълум мегардад, ки маҳз ба туфайли амалигардонии арзишҳои илмӣ дар истеҳсолот як зумра кишварҳо ба натиҷаҳои назарраси иқтисодӣ ноил гаштанд. Боре ҳам ин масъала диққати роҳбарияти донишгоҳро ба худ ҷалб накардааст. Дар ҳоле, ки тобиш гирифтани арзишҳои илмҳои табиатшиносӣ дар рушди иқтисодиёт таваҷҷуҳи доираҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Суоли мубрам ин аст, ки чаро раёсати Донишгоҳи аграрӣ тӯлли ин солҳо тасмим нагирифт, ки баҳри таҳким бахшидани иқтисодиёти кишварамон ва амали гардонидани ҳадафи чоруми стратегии кишвар яъне саноатикунонии босуръат кишвар дар ин пажуҳишгоҳ технолгияи муосиро муҷаҳҳаз намояд. Ҳол он, ки аз рӯи нишондоди Кумитаи бехатарии амнияти озуқавории назди Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола тибқи талабот барои табобати бемориҳои зоонозӣ ба микдори аз 13 то 15 млн сомонӣ лозим аст. Мутасифона, бо сабаби набудани шароит танҳо дар ҳудуди се млн сомонӣ маводу маҳсулотҳои боиторӣ харидорӣ карда мешаваду халос. Оид ба ин масъала агар нигоришҳои матбуоти илмию давриро таҳлил наоем маълум мегардад, ки дар аксар кишварҳои дунё чунин пажӯхишгоҳҳо фаъолият намуда, онҳо ҳамасола ба буҷаи ҷумҳурӣ даҳҳо млн доллари амрикоӣ даромади иқтсодӣ оварда, ҳамчун пайвандгари илм бо истеҳсолот хизмат менамоянд. Бо фикри мо, аз ин нуқтаи назар то ҳол маълум нест, ки тулли фаъолияти худ ин пажуҳишгоҳ ба кадом дастовардҳои илмию истеҳсолӣ ноил гаштааст. Зимни чунин мулоҳизарониҳо набояд фаромӯш кард, ки бояд дар сеххҳои истеҳсолии он танҳо мутахасисони касбӣ ба кор ҷалб карда шаванд. Агар хоҳонӣ рушди саноатикунонити кишварамон бошем боъяд самти фаъолияти ин пажуҳишгоҳро бо асли хеш барқарор намуда, ҳадафи асосии онро бо технологии муосир истеҳсоли маводҳои биологӣ ва дар

иртибот бо технологияи ҷадид гузаронидани пажуҳишҳо дар ин самт ташкил диҳад. Ҳоло яке аз масъалаҳои мубрам барои кишвари мо айни замон ин раванди хушзоткунии чорво мебошад. Қобили зикр аст, ки дар замони шӯравӣ, баҳри таъмин намудани аҳолӣ бо гушт ва маҳсулоти ширӣ дар ҳудуди собиқ ноҳияи Ховалинг тақрибан дар майдони 250 ҳазор га Комплекси агросаноатии Ховалинг таъсис дода шуда буд. Боиси таассуф аст, ки ин комплекс дар як муддат кутоҳ аз фаъолит боз монд. Оид ба ин масъала дар илм нуқтаю назарҳо гуногунанд Аммо аксар муҳақиқону коршиносон сабаби аз фаъолит боз мондани онро аз таъсири бади он ба табиати ин диёр шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Нисбати ин андеша дар гузашта тавассути ВАО чандин нигоришҳои экологӣ пахш ва интишор гардид. Аҷобат ин аст, ки боре ҳам шуъбаи биологии Академи илмҳо тасмим нагирифт, ки дар ҳошия ба чунин масъалагузориҳо нисбати ин комплекс тадқиқоти мушаххасеро ба сомон расонида, ба ин восита ба аҳли ҷомеъа воқеиятро ифшо намояд. Агар нигоршҳои илмӣ ва матбуоти даврирo дар ҳошияи чунин мулоҳизарониҳо маврди арзёбӣ қарор диҳем, маълум мегардад, ки мақсад аз таъсиси ин комлекс дар баробари таъмини амнияти озуқаворӣ инчунин хушзоткунии чорвои мардуми маҳалӣ низ ба инобат гирифта шуда будааст. Зимни арзёбии ин мавзӯъ номзади илмҳои кишоварзӣ Камолов Нурмаҳмад тариқи суҳбат (20.09. 2021) иброз намуд, ки ҳадафи дигари ин комплексро коркарди усулҳои сабзу хурам гардонидани таллу тепаҳои минтақа Кулоб ва ба ин васила баланд бардоштани сермаҳсулнокии чарогоҳҳои он ташкил медод. Он дар баёни ин андешаи худ чунин далелро ёдовар шуд, ки олимони институти боғпарварӣ дар ин мавзеъ чандин солҳо озмоишҳои илмӣ гузаронида, навъу намунаҳои дарахту буттаҳое, ки барои сабзу хурам гардонидани ин диёр мувофиқ бударо тавсия намуда буданд. Ҳатто натиҷаҳои илмии ба дастовардаи мо аз тарафи олимони Академияи кишоварзии Россия ба номи К.А.Темирязов дастгирӣ ёфта буд. Ҳамон замон ин муасиссаи бонуфузи байналмилалӣ тасмим гирифта буд, ки дар заминаи ин комплекс як озмоишгоҳи замонавии илмӣ баҳри ҳаллу фасл намудани муаммоҳои ҷойдошта дар ин диёр бунёд намояд. Матлаб аз овардани ин далел он аст, ки то ҳол аз нигоҳи илмӣ дақиқ муайян карда нашудааст, ки ин комплекс дар ташаккулёби муаммоҳои экологии кишварамон то чӣ андоза нақш бозидааст, ва барҳам хурдани он дар иқтисодиёти миллӣ чӣ таъсире гузоштааст? Аз ин рӯ инҷо мегуем, тақдири комплекси агросаноатии Ховалинг мушобеҳи неругоҳи Роғун шуда будаасту, вале мо дар заминаи умумигуиҳо онро барҳам додем.

Агар дар замони худ садди бунёди ин комплекс намегардидем, шояд раванди хушзоткунии чорво имрӯз дар кишварамон тобиши дигар мегирифт. Ҳол он, ки ин комплекс барои муасиссаҳои илмии соҳаи чорводорӣ ҳамчун озмоишгоҳ хизмат менамуд. Асри ХХ1 бо тамоми таҳаввулоташ барои ҷомеъаи ҷаҳонӣ мушкилоте эҷод наудааст, ки роҳҳи ҳалли онҳо дар сатҳи глобалӣ баррасӣ далелҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҳар як кишвар кӯшиш менамояд, ки дар доираи ҳадафҳои рушди ҳазорсола, ба рушди устувор ноил гардад. Дарвоқеъ, таъмини рушди устувор низоми идоракунии хоси худро дошта, марҳалаҳои он бештар ба даврaҳои равандҳои инноватсионӣ алоқамандӣ дорад. Дар ин самт, таҳлили адабиётҳо аз он гувоҳи медиҳад, ки вобаста ба мавқеи географии Тоҷикистон гузаштан ба рушди устувор аввалан арзёбии далелҳои амиқи илмиро аз дидгоҳҳои гуногун тақозо менамояд, баъдан амалигардонии он ба ташаккулёбии маърифати илмӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин нуқтаи назарҳо ба чунин хулоса омадем, ки маҳз дуруст ба роҳ мондани арзишҳои илмии хусусияти инноватсионӣ дошта дар истеҳсолот, ба ташкил намудани низоми гузариш ба рушди устувор мусоидат намуда, он ба таррақиёти соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ замина мегузарад. Бояд чунин амали коргузориҳо дар сатҳи тамоми соҳаҳои иқтисодӣ зернизомҳои худро до-

шта бошаду, он ба таври мушаххас самтҳои гузариши Тоҷикистонро ба рушди устувор нишон диҳад. Алҳол Ҳукумати Тоҷикистон рушди устувори минбаъдаро дар шакли саноатикунонии босуръати кишвар ва иноватсионӣ пешбинӣ намуда истодааст. Бинобар ин мегуем, гарчанде мафҳуми рушди устувор дар илм ҷадид бошад ҳам, аммо қаблан дар илм садҳо тадқиқотҳое ба сомон ёфтааст, ки муҳтавои арзишҳои онҳо самтҳои ноил шудан ба ин ҳадафро нишон медиҳад.

Хушбахтона, дар асоси талошҳои Президенти ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомали Раҳмон солҳои 2020- 2040 дар кишварамон «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи маориф» эълон гардид. Ин иқдом аз як тараф барои тарғиби ҷавонон ба омузиши илмҳои табиатшиносӣ нигаронида шудабошад, аз дигар тараф бояд арзишҳои илмӣ дар таҳкими иқтисодиёти миллӣ нақши муассир бозанд. Яъне робитаи илм бо истеҳсолот павастагии ногусастани паидо намуда, дар ин замина иқтисоди кишвар беҳтар гардад. Аз ин лиҳоз, бояд чораҳое андешид, ки дар давоми бист сол сатҳи тадқиқоти илмҳои табиатшиносиро баланд бардошта, сифати натиҷаҳои пажуҳишро беҳтар намоем. Дар ҳадди охир гуфтанием, акнун вақти он расидааст, ки дар доираи консепсияи гузариши Тоҷикистон бо Иқтисодиёти сабз самтҳои ноил шудан ба рушди устуворро ҷустуҷӯ намоем. Зеро раванди саноатикунони кишварамон тафаккури нави эодиро тақозо менамояд..

Дар ин замина пешниҳод менамоям:

– якум, дар ВАО аз нигоҳи мутахассисон навъҳои бавуҷудовардаи олимони тоҷик аз навъҳои хориҷӣ бо умумият ва бартариашон тарғиб карда шаванд. Мо танҳо ба ин васила метавонем ҷомеъаи шарҳвандиро ба парвариши навъҳои минтақабобгардонидашудаи маҳаллӣ ҷалб намоем.

– дувум, аз тариқи ВАО арзишҳои холиси академӣ, ки хусусити инноватсионӣ доранд паваста тарғибу ташвиқ карда шавад. Аз ин нигоҳ бод расонаҳо самтҳои саноатикунонии кишварамонро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор диҳанд.

– сеюм, танҳо дар ҳамбастагии илм ва истеҳсолот олимони тоҷик метавонанд навъҳое офаранд, ки дар рушди соҳаи саноати сабук на танҳо Тоҷикистон, балки минтақа нақши калидӣ гузошта тавонад. Яъне вақти он расидааст, ҳамбастагии олимони касбиро ба ин соҳаи саноат мушобеҳ ба даврони Шӯравӣ роҳандозӣ намоем. Хулоса вақти он расидааст, ки аз нигоҳи илмӣ ба тарғибу ташвиқи маърифати илмҳои табиатшиносӣ аз лиҳози саноатикунонии кишварамон таваҷҷуҳ зоҳир намоем ва нақши ҳар як соҳаро дар раванди саноатикунонии кишварамон баён намоем.

Адабиёт

1. Дастовардҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар 30 соли сохибистиқлолии мамлакат. Душанбе «Эргаф» 2021.-С.292.

ИННОВАЦИОННЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПЕРЕХОДА ТАДЖИКИСТАНА К УСТОЙЧИВОМУ РАЗВИТИЮ

Аннотация: *Различные аспекты перехода Таджикистана к устойчивому развитию объясняются факторами, которые приводят к препятствиям в этой области. Они показаны на основе научных исследований различных районов Таджикистана в отношении устойчивого развития. В данной статье автор представил свое мнение по вопросам тысячелетнего развития.*

Ключевые слова: *инновация, устойчивое развитие, фотосинтез, теоритические вопросы, биоразнообразие, морфология, ситогенетика.*

THE INNOVATIVE DIRECTIONS OF TAJIKISTAN'S TRANSITION TO SUSTAINABLE DEVELOPMENT

Annotation: *The different aspects of transition of Tadjikistan to steady development are set and indicated by explanation of factors that result in an obstacle in this area. They are shown on the basis of scientific researches of different districts of Tadjikistan in regard to steady development of Tadjikistan. In this article an author presented the opinion on questions of millennial development.*

Keywords: *innovation, steady development, photosynthesis, questions, morphology, sitogenetic.*

Маълумот дар бораи муаллиф: **Асоев Ҳасан**, коршиноси масоили экологӣ, E-mail: taskhn@mail.ru.

Сведения об авторе: **Асоев Хасан**, эксперт по экологическим вопросам, E-mail: taskhn@mail.ru.

Information about author: **Asoev Hasan**, environmental expert, E-mail: taskhn@mail.ru.

УДК: 911.3:33+338.4 (575.3 -34/35)

НАҚШИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

Орифҷонова В.Р., Яқубов Р.Ш., Миришабов Ф.М.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Аннотатсия. *Дар мақолаи мазкур муаллифон захираҳои обӣ ва неругоҳҳои барқӣ-обиро аз лиҳози иқтидорашон ва таъсирашон ба рушди устувори кишвар таҳлил намуда, бартарии ин намуди энергияро нишон додаанд.*

Калидвожаҳо: *соҳаи гидроэнергетика, пиряхҳо, захираҳои обӣ, ҳамкории фаромарзӣ, қувваи барқ, неругоҳи барқӣ-обӣ, соҳибкорӣ.*

Табиат барои соҳаи гидроэнергетика имкониятҳои бузург фароҳам овардааст. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бепоёни гидроэнергетикӣ мебошад. Захираҳои обии Тоҷикистон пиряхҳо буда, онҳо дар қуллаҳои баландтарини Осиёи Марказӣ хобидаанд. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёҳои калонтарин ба шумули Панҷ (921км), Вахш (524км), Сир (185км), Кофарниҳон (387км), Зарафшон (306км), Аму (65км), Бартанг-Мурғоб (491км), Ғунд (296км) мебошанд, ки солҳои тӯлонӣ ҷорианд ва миллионҳо гектар заминҳои минтақаро шодоб мегардонанд. Аҳолӣ ва корхонаву идораҳо низ аз ин неъмати бебаҳо истифода мебаранд. Ин дарёҳо аз пиряхҳои қуллаҳои баланди кишвар амсоли «Исмоили Сомонӣ» баландиаш (7495 метр), «Федченко» (7134 метр), «Истиқлол» (6974 метр), «Москва» (6785 метр) ва ғайраҳо сарчашма мегиранд. Шумораи пиряхҳо дар ҷумҳурӣ 13000-ро ташкил дода, масоҳати умумии майдони яхбастаи онҳо зиёда аз 13,1 ҳазор километри мураббаъ мебошад. Ҳаҷми умумии онҳо 550 километри мукааброро ташкил мекунад [5,1(38)].

Ба ҳама маълум аст, ки наваду се фоизи каламрави Тоҷикистонро кӯҳсор ташкил медиҳад ва вобаста ба хусусиятҳои географии худ дар рӯ ба рӯи пайомадҳои харобиовари офатҳои табиӣ осебпазир мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди тағйирёбии иқлим боиси босуръат обшавии пиряхҳо гардида, ба ҳаҷми оби дарёҳо ва ба ин

васила ба бахшҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, аз кабили гидроэнергетика, кишоварзию саноат, таъсири манфӣ мерасонанд. Солҳои охир шумораи офатҳои табиии марбут ба об афзоиш ёфтааст, ба мисли обхезӣ, селу ярчу тармафароии ҳамасола ба иқтисодиёт ва аҳолии кишвар ҳисороти зиёд ворид мекунанд. Танҳо дар 5-6 соли охир шиддатнокии офатҳои табиӣ тақрибан 25 фоиз афзудааст, ки боиси ҳалокати тақрибан 200 нафар гардида, шароити мусоиди зиндагонии зиёда аз шашсад ҳазор нафарро таҳти хатар гузошт ва зиёда аз 600 миллион доллари ИМА маблағи умумии талафот гардид. [2,2].

Инчунин дар 30 соли охир пиряхҳо, ки сарчашмаи муҳими захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд, зиёда аз ҳазор адади онҳо пурра нобуд гардидаанд. [1,2]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қайд намуданд, ки «Ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об унсури калидӣ дар роҳи ноилшавӣ ба рушди устувор аст». Номбурда чунин ақида доранд, ки «ҳамкории самараноки фаромарзӣ метавонад ба мудирият ва истифодаи оқилонаву устувори захираҳои об мусоидат намуда, боиси коҳиши хатари хароҷоти беасос ва таъмини тавозун байни шаклу навъҳои гуногуни истифодаи захираҳои об шавад» [1,2].

Агар сухан дар бораи захираҳои табиӣ равад, бояд гуфт, ки дар ҷаҳон давлатҳое ҳастанд, ки аз захираҳои табиӣ бой буда, онро дар истеҳсолот фаровон истифода мебаранд. Дар ҷаҳон аз рӯи истеҳсоли қувваи барқ давлатҳои Фаронса, Австралия, Канада ва Россия дар зинаҳои баланд қарор доранд. Агар захираҳои нафту газро гирем, давлатҳои Арабистони Саудӣ, Россия, Туркманистон, Эрон ва Қатар дар ҷои аввал мебошанд. Аз нигоҳи технология давлатҳои Япония, Кореяи Ҷанубӣ ва Германия дар соҳаи мазкур пешсафанд.

Дар баъзе кишварҳо барои истеҳсоли қувваи барқ, аз неруи ҳастаӣ (атомӣ) истифода менамоянд. Барқи ҳастаӣ ҳам нумӯи зироати кишоварзӣ ва ҳам муҳити экологии зистро заҳролуд месозад. Давлатҳое, ки тавассути стансияи ҳастаӣ барқ истеҳсол мекунанд, мисли мо шароит ва имкониятҳои барқистеҳсолкуниро надоранд.

Бояд гуфт, ки дар баъзе давлатҳои ҷаҳон обро то 3 маротиба тоза карда, баъд аз он истифода мебаранд. Масалан, барои исифодаи об дар мамлакатҳои араб чунин тадбирҳо руҳандозӣ мегарданд. Чунки дар он давлатҳо оби нушокӣ хеле кам аст. Бинобар ин як чанд фоизи маблағи буҷет барои соҳаи мазкур масраф мегардад. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин технология эҳтиёҷ надорад, зеро оби Тоҷикистон аз қаторкӯҳҳо ҷорӣ шуда, ҳоҷат ба корбурди технологиро надорад. Дар Тоҷикистон аз иктидорҳои саноатии пуркувват амал намекунанд, ки боиси кам шудани газҳои зарарнок мебошанд ва 98 фоизи энергияи кишвар дар неругоҳҳои барқӣ- обии аз лиҳози экологӣ тоза истеҳсол мешавад. Айни замон 60 дар сади захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар худуди Тоҷикистон ташаккул меёбад. [1,2].

Шароити кӯҳсори Тоҷикистон барои истеҳсоли қувваи барқ хеле мусоид буда, аз нигоҳи илмӣ, дар ин ҷо сохтани неругоҳҳои барқӣ-обӣ нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳон камхароҷот аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамагӣ 4-5фоизи захирахои обии кишварамонро истифода мебарему халос. Дар маҷмӯъ 65 фоизи оби баҳри Аралро обҳои Тоҷикистон ташкил мекунанд ва боқимондаи он барои эҳтиёҷи давлатҳои ҳамсоя масраф мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди соҳаи энергетикаи кишвар, ки яке аз бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба шумор меравад, тадбирҳои мушаххасро амалӣ намуда истодааст. Аз ҷумла, барои тайёр намудани мутахассисони соҳа бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе филиали Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ –Донишкадаи энергетикии Москва (2013) ва дар шаҳри Бохтар (собиқ ш. Қургонтеппа) Донишкадаи энергетикии

Тоҷикистон (2006) таъсис дода шудаанд, ки аз рӯи 17 ихтисоси ба стандартҳои байналмилали ҷавобгӯ мутахассис тайёр менамоянд ва дар озмоишгоҳҳои онҳо 46 номгӯи таҷхизоти озмоишии истеҳсоли Руссия мавриди истифода карор дорад. [4,2]

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон калонтарин истгоҳҳои барқи обӣ ба тарзи силсила сохта шуда, фаъолият доранд. Аз ҷумла, неругоҳҳои барқӣ-обии: Норак бо иқтидори 3000 мВт, Бойгозӣ (600 мВт), Сарбанд (240 мВт), Сангтӯда-1 (670 мВт), Сангтӯда-2 (220 мВт), Шаршар (29,95 мВт), Марказӣ (15,1 мВт), дар дарёи Вахш, Помир бо иқтидори 28 мВт дар дарёи Панҷ, Варзоб бо иқтидори 25 мВт дар дарёи Душанбе ва Қайроқум бо иқтидори 216 мВт дар дарёи Сир, амал мекунанд. Инчунин бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоту ноҳияҳои кӯҳистони мамлакат аз ҷумла дар дарёҳои Зарафшон, Ванҷ, Бартанг, Ғунд, Сир ва ғайра, ба ҳисоби миёна ҳар сол 50-60 неругоҳҳои хурд сохта ва ба истифода дода шуда истодаанд. Айни замон дар кишвар миқдори НБО зиёда аз 285 ададро ташкил медиҳад.

Тибқи нақшаи лоиҳа дар силсилаи Вахш 9 адад НБО бо иқтидори умумии 9195 мВт бояд сохта шаванд, ки аз ин миқдор ҳафт адади он фаъолият доранд.

Неругоҳи барқӣ-обии Роғун дар дарёи Вахш, ҷой гирифта, ҳамасола 13 миллиарду 1 миллион кВт/соат қувваи барқ истеҳсол мекунад.

Мақсади бунёди НБО-и Роғун таъмини эҳтиёҷоти аҳолии Тоҷикистон ва минтақаро бо неруи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза, инчунин содироти он ба хориҷи кишвар мебошад.

Неругоҳи барқи обии Роғун, ки сохтмони он ҳанӯз соли 1976 оғоз ёфта буд, яке аз бузургтарин иншооти гидроэнергетикии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва он дар зарфи 7-8 сол бояд сохта ва ба истифода дода мешуд. Сохтмони сарбанди он соли 1987 шурӯъ гашта, то соли 1993 баландиаш ба 40 метр расида буд. Аз соли 1976 то соли 1993 корҳои зиёди сохтмони неругоҳи мазкур, аз қабили кандани нақби асосии зери сарбанду нақбҳои обпарто анҷом ёфта буд.

Дар ин муддат зиёда аз 43 фоизи тамоми корҳои сохтмонии ин иншооти азим анҷом дода шуда буд. Вале баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон сохтмони он қатъ гардид.

Тибқи нақшаҳои рушди энергетикии ҷанубӣ, дар асоси ҳисобу китоби техникӣ, танҳо дар сурати сари вақт сохта ва ба истифода додани обанбор ва агрегатҳои аввали неругоҳи Роғун, дарозумрии неругоҳи Норак то 80 сол тамдид мешавад.

Роғун барои ҳамаи мо мактаби бузурги омӯзиш, истифода ва баҳрабардорӣ ва дар айни замон равнақи иқтисодиёти Тоҷикистони имрӯзу фардо мегардад.

Тибқи нақшаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ навбати якуми неругоҳи барқи обии Роғун, яъне ду агрегати аввал дар муддати се соли оянда мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешавад.

Тоҷикистон обанбор ва неругоҳҳоро ҳеҷ гоҳ бар зарари ҳамсояҳои худ, яъне бо мақсади маҳдуд кардани реҷаи ҷоришавии об сохтанӣ нест, баръакс, дар ин раванд манфиати онҳоро низ ба эътибор мегирад. Аз ин лиҳоз, бунёди неругоҳи Роғун набояд боиси ташвишу изтироби кишварҳои поёноб гардад.

Бонки ҷаҳонӣ ташхиси иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии лоиҳаи Роғунро гузаронида, баҳои хуб доданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сарварони давлатҳои минтақа дар ин бора иттилоъи расмӣ додаанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар байни иншоотҳои мавҷудаи давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки неруи барқ истеҳсол мекунанд, неругоҳи Роғун аз ҷиҳати иқтисодиву экологӣ афзалияти калон дорад. Агар ба таври хулоса гӯем, неругоҳи Роғун:

- манбаи ҷалби калонтарин сармояи дохиливу хориҷиест, ки истифодаи ин маблағҳо дар баробари таъмини сохтмони иншооти номбурда, иқтидорҳои даҳҳо корхонаҳои мухталифи кишвари мо ва

давлатҳои Осиёи Марказиро баланд бардошта садҳо ва ҳазорҳо мутахассисонро ба кор ҷалб менамояд;

- иншооти бузургтаринест, ки истифодаи маҳсулоти он чӣ дар шакли неруи барқ, чӣ дар шакли танзим ва баланд кардани кафолатнокии обтаъминкунии заминҳои бекорхобидаи давлатҳои Осиёи Марказиро, қиёсан арзонтару судмандтару аз ҷиҳати экологӣ ба мақсад мувофиқ буда, ба нафъи манфиатҳои ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ хизмат менамояд ва дар баланд бардоштани сатҳи иҷтимоёти аҳолии зиёда аз 56 млн. нафараи минтақа мавқеи хоса дорад;
- иншоотест, ки ба кор андохтани он амалӣ шудани натиҷаи саъю кӯшиш ва меҳнати зеҳнии даҳҳо ва садҳо олимону мутахасисонро ифода намуда, ба таври воқеъӣ бори дигар (баъди сохтмони неругоҳи Норак) шӯҳрати ҷаҳонӣ доштани мутахассисони махсусан пажӯҳишгоҳи «Гидропроект»-и Ҷумҳурии Узбекистонро хотирнишон карда, тахассуси эшонро боз ба сатҳи баландтарини дунявӣ мебардорад;
- иншоотест, ки ҷараёни сохтмони он мутахассисони мухталифи даҳҳо мамлакатҳоро гирд оварда, сатҳи ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқоти истеҳсоливу саноатии онҳоро баланд бардошта, дар рушд ва вусъати муносибатҳои иқтисодиву сиёсӣ саҳми арзанда гузошта, садҳо ҷавонон ихтисосу тахассусҳои мухталифро аз худ карда, соҳиби ҷои кор мешаванд.

Дар даврони истиқлолият аввалин неругоҳи калони барқӣ-обии «Сангтӯда-1», дар дарёи Вахш, бунёд гардид, ки ҳамасола 2 миллиарду 733 миллион киловатт/соат қувваи барқ истеҳсол мекунад.

16 октябри соли 2004 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, Созишнома барои сохтани неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» ба имзо расида буд, ки агрегати якуми неругоҳ охирҳои моҳи декабри соли 2007 ба кор шурӯъ карда буд, ки иқтидори он ба 670 мегаватт баробар аст.

Сохтмони неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-1» моро ба яке аз ҳадафҳои олӣ ва стратегиамон – таъмини истиқлолияти энергетикии кишвари азизамон хеле наздик овард. Илова бар ин, аз тарафи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Федератсияи Россия масъалаи бунёди се неругоҳи барқи обии бо иқтидори миёна мавриди баррасӣ қарор дорад.

Неругоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» дар дарёи Вахш, дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон, ҷой гирифта, дар силсилаи неругоҳҳои барқии обии Вахш шашум буда, иқтидори лоиҳавии ин неругоҳ 220 мегаваттро ташкил медиҳад.

Моҳи июни соли 2005 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон Созишнома барои сохтани неругоҳи барқии обии «Сангтӯда-2» ба имзо расид.

Яке аз калонтарин неругоҳи барқӣ дар Осиёи Миёна неругоҳи барқии обии «Даштиҷум» мебошад. Он дар дарёи Панҷ, ноҳияи Ш. Шоҳин вилояти Хатлон ҷой гирифта, дар силсилаи неругоҳҳои барқии обии Панҷ чорум буда, ҳар сол 15 миллиарду 600 миллион кВт/соат қувваи барқ истеҳсол мекунад.

Мутахассисон ва муҳаққиқони тоҷик исбот кардаанд, ки яке аз лоиҳаҳои ҷолиби диққат сохтмони неругоҳи барқии обии Даштиҷум бо иқтидори 4000 мВт ва обанбори ҳаҷмаш 17,6 километри мукааб мебошад. Ин неругоҳ дар наздикии сарҳади Афғонистону Тоҷикистон ҷойгир шуда, барои давлати Афғонистон низ манфиати зиёде меорад. Аз ҷумла, 1,5 миллион гектар заминҳои хушку ташналабро бо об таъмин месозад. Инчунин аҳолии ин минтақаро бо қувваи барқи арзон таъмин хоҳад кард. Бунёди ин неругоҳи азим ба беҳтар шудани таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ ва шароити хуби зиндагӣ мусоидат мекунад.

Коркарди техникӣ-иқтисодии пешакӣ нишон медиҳад, ки сохтмони неругоҳи барқи обии «Даштиҷум» яке аз неругоҳҳои обӣ-барқии камхарҷ ва самараноктарини ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Бо шарофати мавқеи хуби ҷуғрофии Тоҷикистон содироти неруи барқ аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок буда, ҳам ба мамлакатҳои хориҷи наздик ва ҳам ба мамлакатҳои хориҷи дур манфиатовар аст.

Ба андешаи мо барои гардиши пул ба соҳибкорон зарур аст, ки ба сохтани неругоҳҳои обӣ шурӯъ намоянд, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи обӣ мебошад. Бунёди неругоҳ ҳам ба соҳибкор ва ҳам ба давлат манфиати калон меорад. Масалан, соҳибкори Мексика Slim барои гардиши сармояи худ аввал ба сохтани мағоза дар ҳудуди кишвари худ шурӯъ карда, баъдан бахшҳои мағозаро берун аз марзи давлаташ кушод. Ҳоло бошад, Slim соҳибкори ҷаҳонист ва дороиаш ба маблағи 72,4 миллиард доллари ИМА расидааст. Соҳибкорони тоҷик тавассути сохтани неругоҳ соҳиби маблағҳои калон шудан метавонанд. [3,3]

Пешниҳод карда мешавад, ки барои сохтани неругоҳҳои хурду калон соҳибкорон ҷалб карда шаванд. Зеро дар ҳудуди Тоҷикистон имконияти бунёди зиёда аз 900 неругоҳҳои обии хурду калони иқтидорашон 100-3000 кВт/соат сохтан имконпазир аст ва то ҳол 200 неругоҳҳои обии хурду калон сохта ба истифода дода шуданд.

Коршиносон чунин меҳисобанд, ки барои сохтани неругоҳҳо дар дарёҳои зерин аз ҷиҳати потенсиалӣ ва иқтисодӣ хеле муфид аст.

Номгуи дарё	Микдори неругоҳи барқӣ-обӣ	Иқтидори умумии кВт/соат дар як сол
Панҷ	14	86,3
Вахш	9	9195
Сурхоб	4	1077
Хингоб	5	712
Зарафшон	6	6400
Фондарё	4	510
Мастчоҳ	5	5000
Бартанг	5	485,9
Кофарниҳон	5	411
Ғунд	13	354,4
Варзоб	3	100

Баъди сохтмони неругоҳҳои барқӣ обии банақшагирифташуда дар Тоҷикистон истеҳсоли солонаи қувваи барқ ба 527 миллиард кВт/соат мерасад. Аз ин миқдор барои Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2025, 27 миллиард кВт/соат басанда аст. Боқимонда, яъне 500 миллиард кВт/соат қувваи баркро ба давлатҳои ҳамсоя интиқол додан мумкин аст. Агар мо ин миқдор қувваи баркро ба ҳисоби миёна бо нархи 25 дирамӣ ба бозор ҷаҳонӣ барорем, яъне дар як сол 125 миллиард сомониро ташкил мекунад, ки ба сари ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як сол 17857 сомонию 15 дирам рост меояд.

Нишондиҳандаҳои калонтарини неругоҳҳои барқи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номи неругоҳ	Иқтидори муқарраргардида ҳазор кВт	Истеҳсоли неруи барқ ба ҳисоби миллиард кВт\соат дар як сол
Даштиҷум	4000	15,6
Роғун	3600	13,1
Рӯшон	3000	14,8
Норак	3000	11,2
Дарвози Лавардӣ	2100	10,5
Ҷумар	2000	8,2
Ширговат	1900	9,7

Неругоҳҳои барқӣ обӣ - ободиву сарсабзии имрӯзу фардои Тоҷикистон, тараққиёти бесобиқаи саноату кишоварзӣ ва муҳимтар аз ҳама, рӯшноиву гармии шабонарӯзии ҳар хонадони мардуми мо мебошад.

Неругоҳҳои барқӣ обӣ - воситаи муҳимтарини баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, омили таконбахши рушди маорифу тандурустӣ, илму фарҳанг ва фаъолияти пурсамару бардавоми бемористону ятимхонаҳо, хонаҳои пиронсолон ва дигар иншооти муҳими иҷтимоӣ мебошад.

Неругоҳҳои барқӣ обӣ - иқтисодиёти давлат, миллат ва ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Аз ин рӯ, саҳмгузорӣ ба ин иншоотҳои муҳим қарзи фарзандии ҳар як шаҳрванди бо нангу бо номусӣ кишвар ба шумор меравад.

Адабиёт

1. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳибаи умумии Иҷлосияи 72-юми Маҷмааи Умумии СММ. ИМА, 19.09.2017. Садои мардум 21/09/1017 №112 (3749) «Рушди муштараки ҷаҳонӣ шарикии ҳамаҷонибаро тақозо менамояд» с.1-2
2. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланд зери унвони «Дар роҳи татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028». ИМА, 19.09.2017. Садои мардум 21/09/1017 №112 (3749) «Дар чаҳон талабот ба об бемайлон меафзояд» с. 2.
3. Гадоев С. Соҳибкорон ба бунёди НБО-ҳо ҷалб карда шаванд. Маҷаллаи Минбари халқ аз 24.12.2007. №98 (567) с. 3
4. Шаҳбоз Аброр. Энергетика. Тибқи стандарти ҷаҳонии омӯзиш. Маҷаллаи «Ҷумҳурият» 26.10.17. №221 (23 302) с. 2.
5. Обзоры и результативности экологической деятельности Таджикистан/ Второй обзор. Европейская экономическая комиссия ООН. Нью-Йорк и Женева. 2013 г. с.4,1(38).
6. Проханов А. (Мутарҷим А. Дӯстов) Бунёди тамаддуни зеризаминӣ дар Тоҷикистон. Маҷаллаи «Минбари халқ» аз 10.01.2018. №2 (1138) с. 2
7. Раҳмонов Х. Мушкили об ва зарурати ҳамкорӣ. Маҷаллаи «Минбари халқ» аз 10.01.2018. №2 (1138) с. 4
8. Об ганҷи бебаҳо Маҷаллаи «Минбари халқ» аз 20.01.2018. №51 (1135) с. 14.
9. Чумъаев Ф. Об барои рушди устувор Маҷаллаи «Ҷумҳурият» аз 12.12.2017. с. 1
10. Наҷмуддинов Ш., Ашӯров А. Қудрати Роғун, иншоотҳои бузург ва рушди иқтисодиёт. Маҷаллаи «Ҷумҳурият» аз 11.09.2003. с. 2
11. Сомонаи www.prezident.tj, муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба халқи Тоҷикистон барои неругоҳи Роғун.

РОЛЬ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ ТАДЖИКИСТАНА

Аннотация. *В данной статье авторы проанализировали ГЭС с точки зрения их мощности и воздействия на устойчивое развитие страны. Показаны преимущества данного вида энергии.*

Ключевые слова: *гидроэнергетическая отрасль, ледники, водные ресурсы, пограничное сотрудничество, электроэнергия, гидроэлектростанция, предпринимательство.*

THE CONTRIBUTION OF WATER RESOURCES IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

Annotation. *In this article, the authors analyze the HPP in terms of their capacity and their impact on the country's sustainable development, and show the benefits of this type of energy.*

Key words: *hydropower industry, glaciers, water resources, border cooperation, electric power, hydroelectric power station, entrepreneurship.*

Маълумот дар бораи муаллифон: **Орифҷонова Вазира Раҳматҷоновна**, муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносӣ ДДМИТ, E-mail: vazira.orifdhzonova@mail.ru, тел.: 92 714 07 07; **Яқубов Рустам Шарапович**, ассистенти кафедраи фанҳои табиатшиносии ДДМИТ, тел.: 918 23 58 23; **Миришабов Фирӯз Музаффарович**, докторанти (PhD) ДДМТ, тел.: 98 538 67 67.

Сведения об авторах: **Орифджанова Вазира Рахматджановна**, ст. пред. кафедры естествознания ТГФЭУ, E-mail: vazira.orifdhzonova@mail.ru, тел.: 92 714 07 07; **Якубов Рустам Шарапович**, ассистент кафедры естествознания ТГФЭУ, тел.: 918 23 58 23, **Миришабов Фируз Музаффарович**, докторант (PhD) ТГФЭУ, тел.: 98 538 67 67.

Information about authors: **Orifjonova Vazira Rakhmatjanovna**, Senior Lecturer of the Department of Natural Science of the TSFEU, E-mail: vazira.orifdhzonova@mail.ru, tel.: 92 714 07 07; **Yakubov Rustam Sharapovich**, Assistant of the Department of Natural Science of the TSFEU, tel.: 918 23 58 23; **Mirishabov Firuz Muzaffarovich**, doctoral student at the TSFEU, tel.: 98 538 67 67.

УДК 504.3.054.582

ЗАГРЯЗНЕНИЕ ВОЗДУШНОЙ СРЕДЫ И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА РАСТЕНИЯ

Кариева Ф.А., Мадаминов А.А.
Институт водных проблем, гидроэнергетики и экологии НАНТ

Аннотация: *В данной статье дается достаточно полная информация по основным вопросам загрязнения атмосферного воздуха промышленных городов, в том числе и г. Душанбе, а также на растительный мир. Даже при незначительной концентрации загрязнителей длительное влияние на растения загрязненного воздуха приводит к уменьшению интенсивности их фотосинтеза и к замедлению их роста, а также к упрощению и распаду ценозов. Характерно, например, изреживание дре-*

востоев и уменьшение видового состава флоры в степных районах возникающие под влиянием дымогазовых выбросов металлургических и коксохимических предприятий.

Химические загрязнители оказывают влияние на патогенную активность потребителей растений, их численность, видовое разнообразие и количественное соотношение друг с другом.

Ключевые слова: *загрязнение городской среды, растительность, атмосферный воздух, загрязняющие вещества, антропогенные загрязнители, газоаккумулирующая способность.*

В последние годы обсуждается широкий круг вопросов, касающихся источников и уровней загрязнения городской среды, характеристики основных загрязнителей, аккумуляции их в растениях и состояния растительности, перспективы использования растений как биоиндика¬торов и в качестве биофильтра для снижения уровня загрязнения, адаптации их в условиях глобального изменения климата.

Достаточно полная информация по основным вопросам проблемы загрязнения атмосферного воздуха промышленных городов представле¬на в обзорах (Баттан, 1967; Илькун, 1978; Лахнер, 1978; Гудериан, 1979; Покровская, 1980; Бердиев, 2015). Авторы приходят к заключению, что основными источниками нарастающего загрязнения городского воздуха являются отработанные газы автомобилей, обусловливающие 75% обще¬го поступления в атмосферу загрязняющих веществ.

В настоящее время негативное воздействие загрязнения атмосферного воздуха на растительность очевидно. Воздух никогда не бывает чистым. Атмосферный воздух представляет собой удивительную смесь газов и паров, а также микроскопических частиц различного происхождения. Естественно, что не каждый компонент атмосферного воздуха является загрязняющим веществом. К ним следует отнести те составляющие атмосферы, которые оказывают неблагоприятное воздействие на растения. Эффекты воздействия некоторых веществ на растения могут быть условными, но приводящими к физиологическим нарушениям, а в отдельных случаях и к полному отмиранию и гибели растения. Отрицательное воздействие на растения оказывают практически все атмосферные выбросы, однако, особого внимания заслуживают так называемые приоритетные загрязняющие вещества:

- окислы серы, образующиеся при сгорании ископаемого топлива и при выплавке металлов;
- мелкие частицы тяжёлых металлов;
- углеводороды и окись углерода, содержащиеся в выхлопных газах автотранспорта;
- соединения фтора, образующиеся при производстве алюминия и фосфатов;
- фотохимическое загрязнение.

Именно эти соединения приносят наибольший вред растительности, однако, перечень загрязняющих веществ ими не ограничивается. Хлориды, аммиак, окислы азота, пестициды, пыль, этилен, а также комбинации всех этих веществ могут причинять вред растительности.

Среди указанных выше загрязняющих веществ наибольшую опасность для растений, произрастающих в черте города, представляют выбросы в атмосферу, а также углеводороды и окись углерода.

Действие каждого загрязняющего вещества на растения зависит от его концентрации и продолжительности воздействия; в свою очередь каждый вид растительности по - разному реагирует на действие различных веществ. Более того, каждая реакция растения на загрязнение воздуха может быть ослаблена или усилена влиянием многих геофизических факторов. Таким образом, чис-

ло возможных сочетаний загрязняющих веществ, изменение времени их воздействия, при котором появляются негативные эффекты, являются бесконечными.

Разные виды растений неодинаково чувствительны к вредным газам. Из травянистых растений особенно сильно повреждается SO2 клевер, люцерна, хлопчатник, сосна. Некоторые сорта тюльпанов и гладиолусов настолько чувствительны к фтору (HF), что их можно использовать в качестве биоиндикаторов повреждающих концентраций вредных газов. Наряду с этими высокочувствительными растениями в качестве биоиндикаторов могут быть пригодны и иммиссионно устойчивые растения, так как они благодаря своей большой выносливости способны накапливать вредное вещество в значительном количестве (аккумулирующие индикаторы).

Различия в иммиссионной устойчивости есть и у деревьев и кустарников. Изучение их устойчивости имеет практическое значение в связи с посадками в промышленных районах и густонаселенных местах, когда приходится учитывать возможную угрозу повреждения. Эта опасность особенно возрастает, в случае вечнозеленых деревьев, листва которых весь год подвергается вредным воздействиям, в частности во время зимнего отопительного сезона с повышенным выбросом SO2.

Чрезвычайно чувствительны к S02 мхи, лишайники. Уже одна сотая той концентрации S02, которая вредна для высших растений, вызывает у лишайников нарушение дыхания, разрушение хлорофилла и угнетение роста. Повреждение лишайников, выставленных вместе с кусочками коры, на которой они выросли (лишайниковых эксплантатов), и состав естественной флоры лишайников на деревьях и камнях позволяют сделать вывод о длительном загрязнении воздуха S02 в данном месте. В зоне максимального загрязнения лишайники не выживают - образуется "лишайниковая пустыня". Лишайники можно использовать в качестве биоиндикаторов.

С учетом специфики климата рассматриваются и вопросы монито-ринга атмосферных загрязнений в Среднеазиатском регионе. (Толкачева и др., 1986). Климат этого региона характеризуется сравните¬льно небольшим количеством осадков, высокими средними температу¬рами, сухостью воздуха, приводящего к интенсификации процессов испарения и способствующего усилению миграции аэрозолей с подстилающей поверхности в атмосферу, относящийся к Средней Азии. Таджи¬кистан обладает уникальным набором природных условий и ресурсов хозяйственного развития. Наблюдающиеся за последние годы ухудшения качества окружающей среды, в первую очередь атмосферного воздуха, в условиях научно-технического прогресса, в значительной мере является следствием специфических черт микроклимата горно-долинного рельефа. Предварительное районирование Юго-Западного Таджикиста¬на по величине потенциала загрязнения атмосферы показало, что на¬иболее подвержены загрязнению воздушные бассейны крупнейших долин республики - Вахшской и Гиссарской. К факторам, способствующим накоплению загрязнений, относятся инверсии температуры, туманы, за-стои воздуха, слабые ветры и штили (Сальманович, 1984). Так, нап¬ример, в Душанбе средняя повторяемость слабых ветров (штилей) в те¬чение суток - 63%. Сохранению высоких концентраций загрязнителей в г. Душанбе, выбрасываемых промышленными предприятиями, в заключи¬тельной степени способствуют рельеф и климатические его особеннос¬ти. Положение города в замкнутой котловине обусловливает небольшие скорости ветра, частые инверсии, т.е. задерживающее рассеивание примесей слоев воздуха. Наиболее чистый воздух наблюдается в зимне-весенний период, когда отмечается, в основном, циклонический тип погоды и усиление ветра, а также выпадение наибольшего количества осадков (Вельмога, 1980). В ряде городов Таджикистана неблагоприятная экологическая

обстановка обусловлена и недостаточной природо¬охранной деятельностью (Мирошников, 1964). Промышленные предприя¬тия и автомобильный транспорт продолжают выбрасывать в воздух миллионы тонн вредных веществ, что обостряет экологическую обстановку.

Выбросы промышленных предприятий можно считать одной из глав-ных причин загрязнения воздуха городов Таджикистана (Вельмога,1980). Источником загрязнения городского воздуха являются также действующие производственные и отопительные котельни (Бурханова, I984). Гак, цементный завод, ТЭЦ-и и котельни в г. Душанбе явились основным источником выбросов дымового газа (61% всех промышленных выбросов составила двуокись азота, 56% - сернистый газ). Сильным источником загрязнения городской среды в республике является и транспорт (Гри-горьева, Катаев, 1984), на долю каждого приходится 70-80% всех вредных выбросов. В отработанных газах дизельных двигателей автотранспорта основными загрязняющими веществами являются CO, ПАУ, SO2 NO2, O3, твердые взвешенные частицы, Pb и альдегиды, которые поступают с отработанными газами автомобилей в атмосферный воздух.

Особое внимание уделено проблеме загрязнения воздуха фторсодержащими соединениями, их концентрации в растительных тканях являются видимыми симптомами поражения растений. Приведена характеристика основных последствий заг¬рязнения воздуха фтором, также анализ масштабов и причин ги¬бели культурных растений. Проблема накопления фторсодержащих со¬единений в растительной ткани рассматривается с точки зрения их содержания в пищевых продуктах и опасности для здоровья людей. В общей системе оптимизации окружающей среды в районах интен¬сивного промышленного загрязнения важную роль наряду с технически¬ми средствами играют зеленые растения. Учеными и специалистами НАНТ дана ориентировочная оценка степени устойчивости более 180 видов декоративных и плодовых расте¬ний, показана способность растений к аккумуляции фтора, содержание которого зависит от видовой принадлежности, места произрастания и фазы развития.

К распространенным газообразным антропогенным загрязнителям относятся окислы серы. Антропогенная эмиссия серы неуклонно воз-растает в течение последнего времени. Основным источником окис¬лов серы являются тепловые электростанции, ТЭЦ, Цементные комбинаты и другие промышленные предприятия, работающие на угле. Полная информация об источниках серы, ее роли как элемента питания и загрязнителя, вопросы диагностики повреждения деревьев загрязнителями, содержащими окислы серы, их влиянии на почвы и химический состав растений рассмотрены в монографии «Лесные экосистемы и атмосферное загрязнение» (1990). Фоновое содержание серы в нижней атмосфере составляет 1,25 мкг/м3 для SO2 и 0,8 мкг/м3 для сульфатов. В крупных городах содержание в воздухе серы в I00-1000 раз превы¬шает концентрацию этого загрязнения в составе чистой атмосферы, среднее содержание серы в растениях - 0,05-0,9% сухой массы. Минимальное количество серы содержится в злаках, максимальное - в бобовых и крестоцветных растениях. Боль¬ше всего серы в листьях. Хлоропласты содержат 70% всей серы белков листа. Механизм токсического действия S02 заключается в нарушении деятельности многих ферментов вследствие подкисления цитоплазмы, изменения ионного баланса, накопления балластных токсических ве¬ществ, в разрушении фотосинтетических структур. Хотя сохранение растительного покрова Земли без серьезных нарушений – безусловная необходимость, его состояния и оно в настоящее время ухудшается.

Основные причины этого – разнообразие и разнонаправленность патологических явлений, возникающих у растений и их сообществ под воздействием ядовитых веществ.

Возникновение тех или иных патологических явлений не у одного или немногих растений одного вида, а у большего числа или же у всех растений – представителей одной популяции придает возникающим патологическим явлениям популяционное значение. Это придает им видовые значения, так как они способны изменить характеристики признаков, входящих в комплекс признаков вида.

Наиболее опасны для растительного мира патологические явления, нарушающие: строение и функционирование пигментов, пластид отдельных звеньев фотосинтеза и фотосинтетического аппарата в целом; строение и функционирование аппарата газообмена и механизма его регуляции, торможение клеточного дыхания, уменьшение количества устьичных аппаратов и ослабление газообмена у растений; строение и функционирование аппарата водного обмена и механизма его регуляции; строение и функционирование механизмов минерального обмена; нормальную деятельность мерисистем; нормальное осуществление клеточного цикла; гистогенез и дифференциацию клеток и тканей; межклеточные, межтканевые и межорганные взаимосвязи и взаимодействия; ритмику процессов онтогенеза; возрастное преобразование в жизненном цикле и его нормальное существование; физические константы и характеристики растений; гаметогенез, оплодотворение и формирование диссеминул; нормальное функционирование и жизнеспособность на ювелирных стадиях развития; нормальные сроки функционирования и жизнедеятельности клеток, тканей и органов; демографические характеристики популяций – их возрастной состав, соотношения образующих их растений по полу, активность семенного размножения и вегетативного возобновления, жизнеспособность семян и проростков, фитоценогенез и флорогенез на отдельных территориях.

Даже при незначительной концентрации загрязнителей длительное влияние на растения загрязненного воздуха приводит к уменьшению интенсивности их фотосинтеза и к замедлению их роста, а также к упрощению и распаду ценозов. Характерно, например, изреживание древостоев и уменьшение видового состава флоры в степных районах возникающие под влиянием дымогазовых выбросов металлургических и коксохимических предприятий.

Химические загрязнители оказывают влияние на патогенную активность потребителей растений, их численность, видовое разнообразие и количественное соотношение друг с другом. Установлено, что в березняках, загрязненных 90Sr, личинки пилильщиков поражают 93,5% листьев, в то время как в неразряженных березняках количество пораженных листьев не превышает 2,5%. На территориях, подвергнувшихся промышленному задымлению, среди насекомых – фитофагов преобладают фитофаги с колюще – сосущим ротовым аппаратом.

Для нейтрализации загрязнителей или уменьшения их концентрации вблизи промышленных зон и в черте города высаживают зеленые насаждения. Они обогащают воздух кислородом, фитонцидами, способствуют рассеиванию вредных веществ и поглощают их. Лесные культуры площадью 1га способны осадить их воздуха 25-34 т взвешенных веществ в год, усвоить огромное количество углекислого газа и других вредных веществ, очистить около 18 млн. м3 воздуха за год. Фитонциды, выделяемые деревьями, очищают воздух городов от бактериального загрязнения. Оказывая большое влияние на чистоту воздуха, растительность сама при этом повреждается и гибнет. Продолжительность жизни деревьев в городах и промышленных зонах сокращается по сравнению с условиями леса в 5-8 раз (липа в лесу живет 300-400 лет, а в городе – 50 лет).

При озеленении территории следует выбирать древесные, кустарниковые и газонные растения в зависимости от почвенно-климатических условий, качественного и количественного состава выбросов, зако-

номерностей рассеивания загрязняющих веществ в атмосферном воздухе в данной местности, эффективности данной породы для очистки воздуха от конкретного загрязнителя или их комбинации (пыле - газопоглощение), а также ее пыле – и газоустойчивости в реальной ситуации.

Высокой устойчивостью к диоксиду серы обладают клен ясенелистный, роза морщинистая, чубушник венечный. Но они обладают низкой поглотительной способностью. Высокой поглотительной способностью и устойчивостью отличаются тополь бальзамический, дерен белый.

На промышленных площадках, сильно и постоянно загрязненных сероводородом, успешно растут яблоня дикая, вишня степная, алиссум морской. Сероводород менее токсичен для растений улавливается ими в меньшей степени, чем диоксид серы или сероуглерод.

